*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

15 ноябри соли 2025

№ 21-22
(239-240)

## БА ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Вақте ки Тоҷикистон дар хоку хун ниҳон буд,**
**Фармонравои мутлақ дорандаи камон буд.**
**Пиру ҷавони кишвар ларзон зи бими ҷон буд,**
**Сарсону хонавайрон аз дасти ҷоҳилон буд,**
**Ту омадӣ ба майдон, эй Пешвои миллат.**
**Гаштӣ ба рӯзи сахтӣ мушкилкушои миллат.**
**Эй қаҳрамони миллат,**
**Зӯру тавони миллат**
**Гардида решапайванд**
**Ҷонат ба ҷони миллат.**
**Дар даврае, ки мардум афтода буд ба хорӣ,**
**Вақте ки тифлаконаш буданд беҳахорӣ,**
**Меҳӯрд аҳли заҳмат кунҷораю ҷуворӣ.**
**Мерафт сӯи хар дар бо нолаю ба зорӣ.**
**Бо сӯз дарк кардӣ розу ниёзи миллат.**
**Аз маргашон раҳондӣ, эй чорасози миллат.**
**Эй ҷоннисори миллат,**
**Эй бахтиёри миллат,**
**Ҷаҳди зиёд кардӣ,**
**Дар корзори миллат.**
**Хуш гуфтааст шоир: "Бо ҷанг ҷанг кардӣ ",**
**Дар ҳифзи нанги миллат додӣ ту доди мардӣ,**
**Дар ҷодаи ҳақиқат бо азм раҳ сипардӣ,**
**Оре, ту бо ҷаҳолат як умр дар набардӣ,**
**Паймони сулҳ бастӣ бо гумраҳони миллат.**
**Аз нестӣ раҳондӣ ному нишони миллат,**
**Эй Пешвои миллат,**
**Эй роҳнамои миллат,**
**Шуд нақшаҳои некат,**
**Сулҳу сафои миллат.**
**Аз ёдҳо нарафта рӯзи сиёҳи тоҷик,**
**Он давраи махуфу ҳоли табоҳи тоҷик,**
**Дар синаҳост боқӣ пурсӯз оҳи тоҷик.**
**Сад шукр, гашта равшан имрӯз роҳи тоҷик,**
**Эмомалии Раҳмон! Аз туст бахти миллат,**
**Сад сол зинда бошӣ, болои тахти миллат!**
**Эй Пешвои миллат,**
**Ҳастӣ бақои миллат,**
**Эй қаҳрамони миллат,**
**Ҷонӣ ба ҷони миллат.**

**Мирзо Файзалӣ, Шоири халқии Тоҷикистон**



# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ДТТ

15-уми ноябри соли равон дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба ифтихори Рӯзи Президенти мамлакат ва 33-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Саҳми Пешвои миллат дар рушди соҳаи маориф ва кор бо ҷавонон» гузаронида шуд.

Конференсияро бо сухани муқаддимавӣ ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ оғоз намуда, меҳмонон - муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад, собиқадори меҳнат, иштирокчии Иҷлосияи 16 - уми Шурои Олӣ Мӯсоева Рафиқа Ғаниевна, шоир, овозхон ва устоди Донишгоҳи Теҳрон Муҳаммад Абдулҳусайнро ба аҳли толор муаррифӣ карда, хайрамақдам гуфт ва дар мавзӯи матраҳгардида маърӯзаи пурмуҳтаво намуд.

Зоир Файзалӣ аз ҷумла иброз дошт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини суботи давлатӣ ва барқарорсозии сулҳу осоиштагии миллӣ нақши ҳалкунанда бозидаанд. Маҳз фазои орому созандаи имрӯза имконият медиҳад, ки соҳаи маориф босуръат рушд намояд, муассисаҳои таълимӣ ба стандартҳои нав мутобиқ гарданд ва ҷавонон ба илму техника ҷалб шаванд.

Пешвои миллат,- суханашро давом дода гуфт ректори донишгоҳ,- маорифро асоси пешрафти давлат дониста, ҳамеша ба боло рафтани сифати таълим, ҷорӣ кардани технологияҳои муосир ва дастгирии истеъдодҳои ҷавон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

Мавсума Муинӣ, муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронӣ аз хусуси рӯзҳои вазнини ба сари ҷумҳурии азизамон омада, баргузор шудани Иҷлосияи 16 - уми Шурои Олии мамлакат ва ба ҳайси Сарвари давлат интихоб гардидани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, ҷасорат, ҷаҳду талош, заҳматҳои шабонарӯзӣ ва саҳми беназири муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ба ватан баргардонидани беш аз як миллион нафар гурезагони иҷборӣ, таъмини сулҳу субот дар кишвар, рушди босуръати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, ободию шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии Президентро махсус қайд намуд.

Барои мисол,- гуфт ӯ,- то давраи истиқлолият дар мамлакат 13 мактаби олӣ арзи ҳастӣ дошт, ки дар онҳо 69 ҳазор донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шуда буд. Иvрӯз бошад, дар 48 мактаби олии Тоҷикистон 215 ҳазор донишҷӯ таҳсил карда истодаанд. Яъне, дар 34 соли соҳибистиқлолӣ дар мамлакат 35 мактаби олӣ арзи ҳастӣ намуд, ки барои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва пешрафту тараққиёти кишвари маҳбубамон мутахассисони баландихтисос омода намуда истодаанд. Мисоли дигар, то соли 1991 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 358 корхона вуҷуд дошт. Имрӯз бошад, дар кишвар 3000 корхона фаъолият менамояд, ки ин аз рушди ҳамаҷонибаи

с. 2

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ДТТ








(Аввалаш дар сах. 1)

Тоҷикистони соҳибистиқлол ва сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Президенти маҳбуби кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки тамоми ҳастиашонро барои миллату давлат бахшидаанд, башорат медиҳад.

Гулаҳмадзода Зулфикор Аҳмад, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз саҳми беназири Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сулҳу субот, рушду нумуи Тоҷикистони соҳибистиқлол, бахусус, ғамхорию дастгириҳои ҳамешагиашон нисбати ҷавонон ёдовар шуда, аз ҷумла иброз дошт, ки Пешвои миллат ҳамеша аз сулҳу субот ҳарф мезананд ва барои пойдориву мустаҳкамтар гардидани ин неъмати бебаҳо дар кишвар,



минтақаи Осиёи Марказӣ ва арсаи байналмилалӣ ҷаҳду талош менамоянд.

Баъдан иштирокчии



Иҷлосияи 16 - уми Шурои Олии ҷумҳурӣ Мӯсоева Рафиқа Ғаниевна ба таври муфассал дар бораи вазъи мураккаби солҳои 90- уми асри гузашта, баргузории иҷлосияи тақдирсоз, заҳматҳои шабонарӯзии Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати ба эътидол овардани вазъ дар кишвар, барқарор намудани Ҳукумати конститутсионӣ ва таъмини сулҳ дар ҷумҳурӣ, ба ватан баргардонидани гурезаҳо ва иқдому ташаббусҳои сатҳи минтақавию ҷаҳонии Пешвои муаззами миллат суханронӣ карда, нақши мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ободию шукуфоӣ ва ба як давлати пешрафта ва ободу зебо мубадал гардидани Тоҷикистони соҳибистиқлол барҷаста ва беназир арзёбӣ намуд.



Дар идомаи ҷамъомад ба меҳмонон ва як гурӯҳ омӯзгорону кормандони фаъоли донишгоҳ медалҳои ҷашнии 35- солагии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, сипосномаю ифтихорнома ва тӯҳфаҳои хотиравии донишгоҳ ва вазоратҳои марбута супорида шуданд.



Барномаи фарҳангию фароғатии омоданамудаи ансамбли «Зуҳал» -и донишгоҳ, ки аз суруду таронаҳои ватандӯстона ва васфи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буданд, анҷомбахши ҷамъомади тантанавӣ гардид.

**Р. МАСЪУД**

# ТАМАННИЁТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ РАҲМОНЗОДА ЗОИР ФАЙЗАЛӢ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА 33 - СОЛАГИИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШУРОИ ОЛӢ

**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Моҳи ноябр барои мардуми шарифи Тоҷикистон моҳи ифтихорист. Зеро дар ин моҳ тоҷикону тоҷикистониён ҷашнҳои Рӯзи Конститутсия, Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи Парчами ҷумҳуриро бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн мегиранд.

Чун дар арафаи ҷашни Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 33 – солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ қарор дорем, ҳамаи шуморо аз номи раёсати донишгоҳ ба ин муносибат самимона табрику таҳният гуфта, бароятон тандурустӣ, рӯзгори хушу босаодат ва дар фаъолияти кориатон барору комёбӣ орзу менамоям.

16- уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби Хуҷанди бостонӣ иҷлосияе баргузор гардид, ки он дар таърихи халқи тоҷик бо унвони иҷлосияи сарнавиштсоз асрҳои аср ёдоварӣ хоҳад шуд. Зеро ин иҷлосия дар ҳаёти кишвар гузариши куллиро ба вуҷуд овард.

Дар ҳамин иҷлосия вакилони мардумӣ фарзонафарзандеро ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ интихоб намуданд, ки бо кору пайкор, заҳматҳои шабонарӯзӣ ва сиёсати оқилонаю дурандешонааш тавонист, ки халқро аз парокандагӣ ва давлатро аз нобудшавӣ наҷот диҳад.

Ин шахси далеру шуҷоъ ва ватандӯсти ҳақиқӣ, Президенти маҳбуби кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастанд, ки дар саргаҳи фаъолияти худ ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлату миллатро гузошт ва ба ин васила истиқлоли сиёсии Тоҷикистонро ҳифз намуда, онро ба яке аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар миёни давлатҳои дуру наздик мубаддал гардонид.

16-уми ноябри соли 1994 Президенти интихобнамудаи халқ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди вакилони халқ савганд ёд намуда, ба фаъолияти корӣ шурӯъ карданд.

Фаъолияти самарабахш ва бесобиқаи Президенти ҷумҳурӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми миллӣ ва таъмини амнияти давлат аҳаммияти сиёсӣ ва тарбиявии таҷлили Рӯзи Президентро дахчанд намудааст. Аз ин рӯ, эҳтиром ва арҷ гузоштан ба ин рӯз, ин эҳтиром ба ҳастии миллат, мавҷудияти давлат ва заҳмату талошҳои Президенти Тоҷикистон дар роҳи расидан ба ормонҳои умумимиллӣ мебошад.

Бо дарназардошти хизматҳои бузурги Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон 15-уми апрели соли 2016 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" тағйирот ворид карда шуд ва тибқи он ҳамасола 16-уми ноябр ҳамчун Рӯзи Президент таҷлил карда мешавад.

Ҳадаф аз таҷлили Рӯзи Президент аз эҳтирому эътирофи фазилати сиёсатмадориву давлатдории навини кишвар, таъмини сулҳу ваҳдати ягонагии мардуми Тоҷикистон ва боварии нуфузу мақоми кишварамон дар арсаи байналмилалӣ, ки дар маҷмуъ ба фаъолияти босамари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад, иборат мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бунёдгузори давлати навини тоҷикон маҳсуб меёбанд, аз рӯзҳои нахустини Сарвари давлат интихоб шуданашон ватандӯсти ҳақиқӣ, ғамхори халқу миллат ва ҷонибдори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ будани хешро собит намуданд.

Дар ҳақиқат мардуми шарифу сарбаланди кишвар ва тоҷикони бурунмарзӣ аз фарзанди фарзонаи миллат, Президенти маҳбубамон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки воқеан ҳам ба ҳайси сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ шинохта ва эътироф гардидааст, меболанд ва ифтихор мекунанд.

Рӯзи Президент рӯзи рамзии таърихӣ, таҷассумгари орзую умеди неки мардуми кишвар, кафолати сулҳу оромӣ, меҳру муҳаббат, адолату шафқат, хираду рушд ва ваҳдату ягонагии соҳибистиқлолии кишвар дар ҷамеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Воқеан, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори сулҳи тоҷикон мебошанд. Бояд гуфт, ки заҳмату талошҳои Пешвои миллат барои сулҳу осоиш забонӣ набуданд, балки дар амал ҳамарӯза зоҳир мешуданд. Он кас мавқеи қатъии худро ҳамчун ҷонибдор ва ҳавасманди муколамаи сиёсӣ аз ҳама гуна минбарҳо, аз мулокот дар як оила то минбари ҷаҳонӣ гаштаю баргашта таъкид мекарданд. Шаҳр ба шаҳру ноҳия ба ноҳия гашта, азиятдидагонро дилбардорӣ ва халқро ба оянда неки сулҳу ваҳдат рӯҳбаланд менамуданд. Натиҷаи заҳматҳои бесобиқаашон буд, ки 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид ва сулҳу субот дар саросари кишвар таъмин гардид.

Соҳиб гардидани унвонҳои баланд, аз ҷумла Қаҳрамони Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат далели равшани қадр гардидани хизматҳои арзандаи Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва меҳру муҳаббати зиёд доштани мардуми Тоҷикистон ба ин фарзанди фарзонаю сарсупурдаи Ватан мебошад.

Дар фарҷом, бори дигар ҳамаи Шумо омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни азизро бо Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солгарди Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ муборакбод мегӯям!

# ИФТИТОҲИ МАЙДОНЧАИ ВАРЗИШӢ

Субҳи 15-уми ноябри соли ҷорӣ дар донишгоҳ дар фазои тантанавӣ маросими ифтитоҳи майдончаи замонавии варзишӣ баргузор гардид, ки дар он муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад, собиқадори ҳизбу меҳнат, вакили Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ РафиқаМӯсоева, шоир, овозхон ва устоди Донишгоҳи Теҳрон - доктор Муҳаммад Абдулҳусайн, ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд.





Ифтитоҳи майдончаи варзишӣ татбиқи сиёсати ҷавонпарваронаи Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, ҳадафи асосиаш фароҳам овардани шароити мусоид барои солимгардонӣ, рушди зеҳнӣ ва тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон аст.



Пешвои муаззами миллат варзишро ҳамчун воситаи муҳимми рушди ҷомеа ва василаи таҳкими сулҳу ваҳдат арзёбӣ намуда, пайваста таъкид мекунанд, ки ҷавонон бояд солим, зирак, донишманд ва дорои ҷаҳонбинии муосир бошанд.

Майдончаи ба истифода додашуда барои ҷавонону донишҷӯёни донишгоҳ на танҳо макони фароғату солимгардонии бадан, балки муҳити тарбияи иҷтимоӣ ва рушди истеъдодҳои нав буда, имконият медиҳад, ки ҷавонон вақти холии худро самаранок истифода баранд.

Ин иқдом бори дигар собит менамояд, ки дастгирии ҷавонон ва рушди инфрасохтори варзишӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Пешвои муаззами миллат ба шумор меравад.

Дар анҷом, иштирокдорон зикр карданд, ки минбаъд низ бо ташаббус ва ҳидоятҳои раҳбарияти олии сиёсӣ корҳои ободонию созандагӣ идома ёфта, барои рушди тарзи ҳаёти солим, вусъат додани варзиш ва боло бурдани эҳсоси ватандӯстӣ миёни ҷавонони кишвар заминаҳои мусоид фароҳам мегарданд.

**М. БОҚИЗОДА,**
**мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши ДТТ**

# 35 СОЛИ ФАЪОЛИЯТИ ПУРСАМАР

## Гузориш аз Форуми байналмилалӣ таҳти унвони «Саҳми ДТТ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар»

**Он рӯз (1-уми ноябри соли 2025 тамоми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Литсейи назди онро фазои идона фаро гирифта буд. Аз субҳи барвақт асарҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, китоби “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров, “Шоҳнома”-и безаволи ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ва дастовардҳои устодону донишҷӯёни донишгоҳ ба намоиш гузошта шуда буданд.**

Садои хушу форами нағора ва карнаю сурнай ба атрофу акноф танинандоз буд. Шиору навиштаҷоти ифодакунандаи истиқболи 35-солагии ҷашни донишгоҳ ва баргузории Форуми байналмилалӣ шукӯҳи ҷашнро дучанд мегардонд. Гулдухтарони чаканпӯш ва атласу адраспӯш меҳмонони дохилию хориҷиро, ки ба ҷашни донишгоҳ даъват шуда буданд, бо нону намак истиқбол мегирифтанд.

Меҳмонони олиқадр, аз ҷумла намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректорони донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар, хатмкардагони собиқи донишгоҳ бо дастовардҳои ба намоиш гузоштаи ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ шинос гардиданд.

Диққати меҳмононро пеш аз ҳама, ихтирои электромобил, ки ҳанӯз 1-уми сентябри соли 2011 Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баргузории дарси сулҳ бо устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ба он баҳои баланд дода буданд, роботи “Промобот”, “Ковертоплан”, нақлиёти хурд бо таҳвили электрикӣ, аробачаи маъюбии сечарха бо таҳвили электрикӣ, “Гаҳвораи худкор”, дучархаи “Шӯъларез”, “Квадракаптер”, бештар ҷалб намуданд.





Баъд аз шиносоӣ бо намоиши дастовардҳои устодону донишҷӯён дар толори асосии донишгоҳ Форуми байналмилалӣ дар мавзӯи «Саҳми ДТТ дар татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар» ба кори худ оғоз намуд.

Дар форуми байналмилалӣ, ки ба ифтихори 35-солагии фаъолияти пурсамари ин боргоҳи илму маърифат бахшида шуда буд, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Дилрабо Сайдулло, муовини якуми раиси ҲХДТ Неъматзода Маликшо Маҳмадшо, муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода Исоҷон Ятим, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро, вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор, собиқ ректорони донишгоҳ Пулатов Пӯлод Атаевич, Шоҳиён Нуралӣ Набот, Амонзода Илҳом Темур ва меҳмонони олиқадр аз ҷумҳуриҳои Италиё, Булғористон, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон иштирок доштанд.

Форумро ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ҳусни оғоз бахшида, меҳмонон, ҳайати устодону кормандон, хатмкардагон ва донишҷӯёни донишгоҳро ба муносибати 35-солагии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон самимона муборакбод гуфт ва дар бораи фаъолияти 35 солаи донишгоҳ маълумоти муфассал доданд, ки онро манзури хонандагони ҳафтанома мегардонем.

с. 4-5

# РОҲИ 35 СОЛАЕ, КИ БО НУРИ



Ҳозирини гиромӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар "Рӯзи Дониш", ки 1-уми сентябри соли 2011 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон баргузор гардид, таъкид намуда буданд ки: "Дар шароити имрӯзаи рушди босуръати илм ва техникаву технология ҳар як давлат неруи зеҳнии ҷомеаро ба кашфиёту ихтирооти нав ва тавсеаи соҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ равона месозад".

Дар робита ба ин, бо мақсади роҳандозии ҳадафҳои стратегии кишвар ва барномаҳои давлатӣ дар самти соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ, рушди техника ва технология, омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба ниёзҳои кишвар, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳанӯз соли 1990 ҳамчун Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон таъсис ёфта, соли 1991 ба Донишкадаи технологии саноати сабук ва озуқаворӣ, сипас, соли 1993 ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Маврид ба зикр аст, ки расо 35 сол қабл маҳз дар ҳамин рӯз, 1-уми ноябри соли 1990 нахустин машғулиятҳо дар ин боргоҳи илму маърифт оғоз гардиданд.

Баргузории Форуми имрӯза бахшида ба солгарди таъсиси донишгоҳ як навъ арҷгузорӣ ба хизматҳои шоёни омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёну хатмкардагони ин боргоҳи илму маърифат дар давоми 35 соли фаъолияти пурсамар ба ҳисоб рафта, ангезае барои имрӯзу фардои насли ҷавон мебошад.

Дар марҳилаи сипаригашта, ҷиҳати омода намудани мутахассисони соҳибтахассус ва дар бозори меҳнат рақобатпазир, донишгоҳ роҳи пуршараферо тай намуд, нуфуз ва мақомашро устувор кард ва сазовори эҳтирому эътироф дар байни муассисаҳои илмию таълимии дохил ва хориҷи кишвар гардид.

Соли 2020 донишгоҳ дар байни 40 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (МТОК)-и ҷумҳурӣ мақоми 8-умро ишғол намуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2018 чор зина боло мебошад.

Соли 2024 донишгоҳ аз аттестатсияи навбатӣ гузашта, соҳиби Иҷозатнома барои фаъолияти мухлаташ бемаҳдуд гардид, ки дар асоси он аз рӯйи 58 ихтисоси зинаи бакалавр, 38 ихтисос зинаи магистратура, 18 ихтисоси докторантура (PhD) ва постдокторантура, 22 ихтисос аз рӯи аспирантура ва докторантураи анъанавӣ ва 30 номгӯйи курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ – сертификатсионӣ мутахассисонро омода менамояд.

Ҷиҳати омода намудани мутахассисон, 37 барномаи таълимӣ бевосита дар хоҳиши амалишавии Стратегияи саноатикунонии босуръати кишвар, аз ҷумла, дар самти саноати сабук 13 барнома, саноати хӯрока 12 барнома, зеҳни сунъӣ ва ҳавонаварди бесарнишин 5 барнома ва дар самти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ 7 барнома амалӣ шуда истодааст.

Донишгоҳ дар тӯли 35 соли фаъолияти худ барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 20 ҳазор мутахассиси баландихтисос омода кардааст, ки беш аз 700 нафари онҳо сазовори дипломи аъло гардидаанд.

Имрӯзҳо, дар байни хатмкардагони донишгоҳ муовини сарвазири ҷумҳурӣ, вазир ва муовинони вазирон, раисони ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, сардорони мақомоту идораҳои давлатӣ ва соҳибкорони муваффақу роҳбарони ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ адои вазифа намуда истодаанд, ки боиси ифтихор ва баланд гардидани обрӯву эътирофи донишгоҳ дар ҷомеаи дохилу хориҷи кишвар гардидаанд.

Соли равон таъминнокии хатмкардагон бо ҷои кор 93%-ро ташкил дод, ки ин тамоюл рақобатнок будани донишгоҳро дар бозори меҳнат ва дар байни МТОК-и кишвар нишон медиҳад.

Бахри баланд бардоштани мақоми худ дар фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ донишгоҳ бо як қатор агентиҳои аккредитатсияи байналмилалӣ ҳамкориҳоро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, тайи солҳои 2019 - 2024 аз ҷониби Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон,



ки ба реестри Аврупоии ташкилотҳои аккредитатсионии байналмилалӣ шомил аст, панҷ барномаи таълимии донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, соҳиби Шаҳодатномаҳо гаштанд. Дар ин самт, донишгоҳ тасмим гирифтааст, ки соли 2026 аз аккредитатсияи институтсионалӣ низ гузарад.

Бо дарназардошти аз ҷониби Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани солҳои 2025–2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» раёсати донишгоҳ тадбирҳои иловагиро ҷиҳати таҷдиди сохторӣ ва такмили иқтидорҳои таълимӣ андешида, қадамҳои устуворро дар самти рақамикунонии равандҳои таълимӣ, илмӣ ва инноватсионӣ гузошта, ба дастовардҳои



назаррас комёб гаштааст.

Аз ҷумла, азнавсозии шабакаи компютерии умумидонишгоҳӣ ва таҷдиди алоқаи интернетӣ, насби сервери пуриқтидор ва ташкили махзани додаҳои калон, такмили сомонаи донишгоҳ ва истифодаи чатботҳо, дастрасии китобхонаи электронӣ ба захираи беш аз 1 миллион нусха маводҳои электронии китобхонаҳои Федератсияи Россия ва кишварҳои дигар, таҳияи платформаҳои рақамӣ барои гузаронидани санҷишҳои марҳалавӣ ва имтиҳонҳои ниҳоӣ, ташкили ID-кортҳо, Фейс-контрол ва назорати электронии давомоти донишҷӯён, ба роҳ мондани пардохтҳои ғайринақдӣ, муҷаҳҳазгардонии синфхонаҳои компютерӣ, озмоишгоҳҳои соҳавӣ ва таъмиру тармими Парки технологии донишгоҳ ва муҷаҳҳазгардонии он бо техника ва таҷҳизоти муосир роҳандозӣ



гардидааст.

Бо мақсади омода кардани мутахассисони ҳирфаӣ барои рақамикунонии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар донишгоҳ қабули донишҷӯёнро аз рӯи як қатор ихтисосҳои нав, ба монанди "Зеҳни сунъӣ", "Истифодаи дастгоҳҳои парвозкунандаи бехавонавард", "Дастгоҳҳои зеҳнӣ, мошинҳо ва истеҳсолот", "Роботҳои саноатӣ ва комплексҳои робототехникӣ", "Киберамният" ва ғайра ба роҳ мондааст.

Аз соли таҳсили 2024-2025 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо корхонаҳои истеҳсолию



саноатӣ, ширкатҳои мобилӣ ва телекоммуникатсионӣ, бонкҳо ва ташкилоту муассисаҳои дигари ватанӣ таҳсилоти дуалиро ба роҳ монда, дар заминаи онҳо 17 филиали кафедраҳои тахассусиро таъсис додааст.

Донишгоҳ бо зиёда аз 100 муассисаи таҳсилоти олӣ ва марказҳои илмӣ-омӯзишии беш аз 30 кишвари ҷаҳон дар самти татбиқи барномаҳои таълимии муштарак, мубодилаи академии устодону донишҷӯён ва ҳамкориҳои илмиро ба роҳ монда, дар барномаҳои байналмилалии гуногун фаъолона иштирок мекунад.

Дар натиҷаи татбиқи ин лоиҳаҳо ва бо дастгирии молиявии ташкилотҳои байналмилалӣ дар донишгоҳ якчанд марказҳои таълимӣ ва озмоишгоҳҳои фаннӣ, аз ҷумла Маркази технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии Тоҷикистону Корея, Маркази таълимии забони кореягӣ ва омодасозии касбии назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Боиси хушнудист, ки бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи барномаи Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ (KOICA) бо маблағгузории 10 миллион доллари амрикоӣ бунёди Маркази таълими технологияҳои нассоҷӣ барои тайёр кардани мутахассисони саноати нассоҷӣ дар Тоҷикистон дар назар гирифта шуда, татбиқи амалии он аз моҳи марти соли 2026 шуруъ мегардад.

Дар 5 соли охир беш аз 400 нафар донишҷӯёну омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ дар марказҳои илмию таълимии хориҷи кишвар, аз ҷумла Италиё, Испания, Олмон, Британияи кабир, Португалия, Словения, Словакия, Латвия, Федератсияи Россия, ИМА, Чин, Туркия, Ҷопон, Кореяи ҷанубӣ, Ҳиндустон, Сингапур, Малайзия, Индонезия, Покистон, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ба таҳсил ва коромӯзӣ фаро гирифта шудаанд.

Инчунин, беш аз 30 нафар мутахассисони хориҷӣ барои ташкили курсҳои бозомӯзии касбӣ ҷалб гардиданд, ки дар онҳо зиёда аз 70 нафар омӯзгорону кормандони донишгоҳ малакаи касбии худро баланд бардошта, соҳиби диплому сертификатҳо гаштанд.

Ҳоло, дар донишгоҳ шурои диссертатсионӣ аз рӯйи ду равияи илмӣ (саноати сабук ва хӯрокворӣ) фаъолият мекунад, ки дар тайёр кардани мутахассисони дорои дараҷа ва унвони илмидошта саҳми арзишманд гузошта истодааст.

Имрӯз, дар донишгоҳ беш аз 164 нафар омӯзгор фаъолият мекунад, ки аз онҳо 115 нафар дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ буда, 17 нафар докторони илм, 98 нафар номзадони илм мебошанд. Иқтидори илмии донишгоҳ ба 70,1% баробар буда, дар байни МТОК-и кишвар яке аз нишондиҳандаи баланд ба ҳисоб меравад.

Дар давраи фаъолияти донишгоҳ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо лоиҳаҳои илмии устодон дастгирӣ ёфтаанд, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ бо зиёда аз 20 миллион сомонӣ маблағгузорӣ гардидаанд.

Натиҷаи корҳои илмию тадқиқотӣ ва



пажӯҳишҳои олимону муҳаққиқон аз рӯйи самтҳои илмии донишгоҳ дар шакли монография ва мақолаҳо нашр гардида, инчунин зиёда аз 100 патент оид ба ихтироот, аз ҷумла 12 патенти Авруосиёгӣ ба даст оварда шудаанд. Дар ин давра, аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорон беш аз 9000 маводи илмӣ ва таълимию методӣ ба нашр расидаанд.

Боиси ифтихор аст, ки устодону донишҷӯёни донишгоҳ ва зерсохторҳои он ҳамасола дар озмунҳо, олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ фаъолона

# ХИРАД РАВШАН ШУД



ширкат варзида, ҷойҳои намоёнро соҳиб мегарданд. Дар 10 соли охир онҳо беш аз 800 ҷойи ифтихориро соҳиб гардидаанд. Барои мисол, танҳо дар соли таҳсили 2024-2025 ин шумора ба 147 ҷой расидааст.

Соли 2013 дар асоси мониторинги Агентии Интерфакс ДТТ ҳамчун ягона донишгоҳи ҷумҳурӣ ба рӯйхати донишгоҳҳои беҳтарини кишварҳои ИДМ шомил шуда, дар байни 400 донишгоҳ мақоми 151-умро сазовор гардид.

Соли 2022 бошад, донишгоҳ дар рейтинги байналмилалии агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи – EAAR миёни донишгоҳҳои Авруосиё ба чоргонаи донишгоҳҳои бонуфуз ворид гардида, ҷоизаи "Ситораи сифат 2022"-ро соҳиб шуд.

Ин ҳама амалҳои созанда боиси тахия ва қабули марҳилаи нави Стратегияи рушди донишгоҳ то соли 2030 гардид, ки самтҳои асосии пешрафти минбаъдаро дар рушди инноватсионӣ афзалият медиҳад.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки бо саъю кӯшишҳои дастҷамъонаи ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёну хатмкардагон мо метавонем мақом ва нуфузи Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро ҳамчун донишгоҳи пешрафта ва эҷодкор



боз ҳам баландтар бардорем ва ҷиҳати афзудани эътибори он камари ҳиммат бандем.

Дар фарҷом, аз номи раёсати донишгоҳ бо самимияти хос ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон








Ихтирооти устодону донишҷӯёни донишгоҳ ва литсейи назди он



мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ, Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ, Ҳукумати мамлакат, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва дигар мақомоту идораҳои давлатӣ, ки тайи 35 соли фаъолият моро дастгирӣ намуда, дар рушду пешрафти донишгоҳ саҳми арзишманд гузоштаанд, изҳори сипос менамоям.

Ҳамзамон, аз номи раёсати донишгоҳ ба собиқ ректорони ин даргоҳи илму хирад, Пулатов Пӯлод Атаевич, профессори зиндаёд Катаев Амир Ҳабибович, Шоҳиён Нуралӣ Набот ва Амонзода Илҳом Темур, ҳайати профессорону устодон ва кормандоне, ки тайи 35 сол дар рушду нумуи донишгоҳ заҳмат кашидаанд, самимона изҳори сипос менамоям.

Сипас, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансурӣ Дилрабо Сайдулло зимни суханронӣ устодону кормандон, донишҷӯён ва меҳмононро ба ифтихори 35-солагии таъсисёбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки яке аз муассисаҳои пешсафи бонуфузи таҳсилоти олӣ дар кишвар маҳсуб меёбад, табрику муборакбод гуфта, иброз дошт, ки ин санаи пурифтихор на танҳо ҷашни донишгоҳ, балки ҷашни дастовардҳои илм, маориф ва саноати миллӣ мебошад.



Дар тӯли 35 сол ин боргоҳи маърифат бо саъю талоши устодони соҳибтаҷриба ва донишҷӯёни боистеъдод, садҳо мутахассисони баландихтисосро барои соҳаҳои муҳимми иқтисоди миллӣ, бахусус, саноат ва технологияҳо омода намудааст.

Маҳз дар замони Истиқлолияти давлатӣ таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати давлату Ҳукумат ба рушди илмҳои дақиқу риёзӣ, фанҳои техникӣ ва технологияҳои инноватсионӣ нигаронида



шуда, заминаи устувори илмӣ ва амалии пешрафти кишвар фароҳам оварда шудааст.

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии миллӣ амалӣ менамояд. Татбиқи ин ҳадафи бузург бе рушди илмҳои дақиқ, фанҳои риёзӣ ва соҳаҳои техникии кишвар ғайриимкон аст, зеро маҳз ҳамин соҳаҳо пояи асосии пешрафти иқтисод, истеҳсолот ва рақобатпазирии миллӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳукумати кишвар бо дарки амиқи зарурати таъмини рушди устувори ин самтҳо, барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои илмӣ-таълимиро роҳандозӣ намудааст. Дар доираи онҳо таваҷҷуҳи хосса ба таҳкими зеҳни техникӣ, ҷалби ҷавонон ба омӯзиши фанҳои дақиқу риёзӣ ва дастгирии иқдомҳои инноватсионӣ равона шудааст. Дар ин раванд, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ нақши назаррас дорад. Бо ташкили марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ, лабораторияҳои муҷаҳҳази фанниву техникӣ, инкубаторҳои инноватсионӣ ва маркази зеҳни сунъӣ, донишгоҳ ба татбиқи сиёсати илму техникаи муосир саҳми арзанда мегузорад.

Зеҳни сунъӣ имрӯз яке аз самтҳои асосии рушди ҷаҳонии илм ва истеҳсолот ба шумор меравад. Он имконият медиҳад, ки истеҳсолот ба таври рақамӣ идора шавад, хароҷот коҳиш ёбад ва самаранокӣ афзояд. Дар Тоҷикистон низ бо ташаббус ва дастгирии Ҳукумати мамлакат марказҳои омӯзиш ва тадқиқи зеҳни сунъӣ таъсис ёфта, тадриҷан ба соҳаҳои саноат, нақлиёт, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ ворид мегардад. Дар баробари ин, илмҳои дақиқу риёзӣ ҳамчун пояи бунёдии илму техника бояд дар маркази таваҷҷуҳи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва мактабҳои таҳсилоти умумӣ қарор дошта бошанд. Зеро маҳз тавассути ин фанҳо зеҳни таҳлилӣ, андешаи мантиқӣ ва малакаҳои муҳандисии ҷавонон ташаккул меёбанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули Барномаи давлатии саноатикунонии босуръати кишвар барои солҳои 2022-2026 ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳим, ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои техникиву муҳандисӣ ва мутахассисони дорои ҷаҳонбинии зеҳни сунъӣ тадбирҳои мушаххас андешидааст. Ин иқдомҳо барои муваффақона татбиқ шудани сиёсати миллӣ дар соҳаи саноат, рақамикунонии иқтисод ва рушди устувори миллӣ мусоидат менамоянд. Мо итминон дорем, ки суханашро давом дода гуфт,- Дилрабо Сайдулло,- бо роҳбарии Пешвои муаззами миллат, дар ҳамбастагӣ бо олимон, муҳандисон ва ҷавонони боистеъдод, Тоҷикистон ба яке аз марказҳои саноатии пешрафта ва дорои иқтидори зеҳнии баланд дар минтақа табдил хоҳад ёфт.

Баъдан вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Раҳим Ҳамро, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, хатмкардаи муваффақи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор, муовини якуми раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Неъматзода Маликшо Маҳмадшо, муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода Исоҷон Ятим, муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид, ректори Донишгоҳи ҷанубу ғарби "Неофит Рилски"-и Ҷумҳурии Булғористон Николай Марин, профессори Донишгоҳи Падоваи Ҷумҳурии Италиё Ирен Каляри, аввалин ректори Донишгоҳи технологии



Тоҷикистон Пулатов Пӯлод Атаевич, профессори Донишгоҳи давлатии химиявӣ – технологии Ивановои Федератсияи Россия Одинтсова Олга Ивановна суханронӣ намуда, аз дастоварду муваффақиятҳо ва саҳми арзишманди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар пешрафту тараққиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва омода намудани мутахассисони воқеан ҳам ба талаботи бозори меҳнати дохилу хориҷ ҷавобгӯ, ёдовар шуданд.

Дар хотимаи Форум бо қарори шурои олимони донишгоҳ вазири нақлиёти ҷумҳурӣ Азим Иброҳим, вазири молияи ҷумҳурӣ Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор, муовини президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Амонзода Илҳом Темур бо унвони илмии Профессори фахрии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва медали ҷашнии 35-солагии донишгоҳ қадрдонӣ карда шуданд.

Инчунин ба муовини раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Неъматзода Маликшо Маҳмадшо, нахустин ректори ДТТ Пулатов Пӯлод Атаевич, собиқ ректори донишгоҳ Шоҳиён Нуралӣ Набот ва ҷанде аз меҳмонону устодони донишгоҳ медалҳои 35-солагии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, нишони "Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон", ифтихорномаҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҷумҳурӣ, Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ, Вазорати молияи ҷумҳурӣ супорида шуданд.

**Р. МАСЪУД,**
**аксбардор Б. АЗИМОВ**

# РОҲНАМОИ ИМРӮЗУ ФАРДОИ БОСАОДАТ






**5-уми ноябри соли 2025 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид, ки дар он прокурори ноҳияи Фирдавсӣ, мушовири дараҷаи 1 Абдуқодирзода Фаррух Комил иштирок ва суханронӣ намуд.**




Ректори донишгоҳ, профессор Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ҳайати устодону донишҷӯёни донишгоҳро ба ифтихори ин санади тақдирсози миллат шодбош гуфта, маърӯзаи пурмазмун намуд.

Даврони сипаринамудаи соҳибистиқлолии кишвари азизамон,- гуфт Зоир Файзалӣ, – баръало нишон дод, ки роҳи пешгирифтаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон таҳти роҳбарии оқилонаю дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ, ки дар Конститутсияи мамлакат дарҷ гардидааст, дуруст ва ифодакунандаи манфиатҳои миллӣ, таконбахши рушди бонизоми давлат ва таъминсозандаи зиндагии орому босуботи ҷомеаи навини Тоҷикистон мебошад.

Боиси ифтихор аст, ки Тоҷикистон дар байни дигар кишварҳои пасошуравӣ яке аз аввалинҳо шуда, Конститутсияи худро бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намуд. Чуноне ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: “Омӯхтан, донистан, эҳтиром гузоштан ва риоя намудани Конститутсия-ин санади сарнавиштсоз, вазифаи ҳар як шаҳрванди кишвар-аз хурд то бузург мебошад. Зеро Конститутсия пояҳои давлати моро устувор нигоҳ медорад ва роҳи моро ба сӯи ҷомеаи пешрафта, давлати тараққикарда ва зиндагии ободу озод ҳамвор месозад”.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо вазифаи ҷонии ҳар яки мост, ки дастовардҳои бузурги миллию давлатиро таҳкиму тақвият бахшем ва ояндаи дурахшони ватанамонро бо кору фаъолияти содиқонаю софдилона, яъне бо дастони худамон созем, ба арзишу меъёрҳои Конститутсия арҷ гузорем ва дар асоси он, барои расидан ба ҳадафҳои созандагӣ кӯшишу ғайрат ба харҷ диҳем.

Конститутсияи мо аз аввалин рӯзи қабул гардидан то ҳол ҳамчун санади сарнавиштсоз вазифаҳои муҳим дорад, ки самти фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандонро муайян месозад.

Имрӯз, маҳз бо шарофати ин санади тақдирсоз ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми самтҳо – аз иқтисод то маориф, аз саноат то энергетика, аз фарҳанг то илму технология – ба дастовардҳои бузург ноил гардидааст.

Мо, аҳли ҷомеаи донишгоҳӣ, бояд аз Конститутсия илҳом гирем, онро ҳамчун санади муқаддас ва роҳнамо дар фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва тарбиявии худ истифода барем. Ҳар як донишҷӯ ва устод вазифадор аст, ки ба арзишҳои конститутсионӣ – ватандӯстӣ, эҳтироми қонун, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ содиқ бошад.

Қобили зикр аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мавриди ҳуқуқу озодиҳои инсон ба панҷгонаи беҳтарин конститутсияҳои ҷаҳон шомил аст, ки боиси ифтихору сарафрозии ҳар яки мост.

Аз ин рӯ, итминони комил дорем, ки Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар роҳи таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, шукуфоӣ ва обрӯю эътибори Ватани маҳбубамон дар арсаи байналмилалӣ, асрҳои аср хизмат хоҳад кард.

Бигзор Тоҷикистони соҳибистиқлол зери парчаму Конститутсияи худ ва ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат ҳамеша обод, озод ва поянда бошад!

Сипас, Абдуқодирзода Фаррух Комил – прокурори ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар бораи зарурати қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он, аҳаммияти Конститутсия дар рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳарф зада, онро кафили бахт, озодӣ ва рушди ватани маҳбубамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол маънидод намуд.

Фаррух Комил инчунин дар бораи роҳҳои пешгирии шомил нагардидани ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои хатарзо, аз ҷумла терроризму экстремизм сухан гуфта, таъкид намуд, ки шаҳрвандони кишвар, бахусус, ҷавонон бояд ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва фирефтаи ваъдаҳои бардурӯғи намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро нагарданд. Яъне, дар зиндагӣ бояд роҳи дурустро интихоб карда, баҳри ободӣ ва шукуфоии кишвари азизамон камари ҳиммат банданд.

Дар идомаи ҷамъомад ба як гурӯҳ фаъолони донишгоҳ медалҳои 35-солагии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, нишони “Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишони “Корманди ифтихории Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон” супорида шуданд.

**Р. ШАРИФ**

**Семинари илмӣ**

# САНАДИ ТАҚДИРСОЗИ МИЛЛАТ

Дар толори китобхонаи илмии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо иштироки устодону донишҷӯёни донишгоҳ семинари илмӣ дар мавзуи “Конститутсия-санади тақдирсози миллат” баргузор гардид.

Нахуст, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ Асомиддини Абдулмуъмин дар мавзуи “ Конститутсия бахтномаи миллат” маърӯзаи пурмазмун намуда, аз ҷумла иброз дошт, ки Конститутсия барои таъсис ва рушди низоми ҳуқуқии мамлакат, сохтору мақомоти давлатӣ ва дар меҳвари фаъолияти онҳо қарор додани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, манфиатҳои давлат ва шаҳрвандон, инчунин бунёди ҷомеаи адолатпарвар асос гузошта, кафолати таъмини озодӣ, адолати иҷтимоӣ ва баробарҳуқуқии ҷомеаи навини Тоҷикистон гардидааст.

Конститутсия ҳамчун санади тақдирсози миллат тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандонро ҳимоя намуда, баҳри татбиқи ҳар моддаи он Ҳукумати кишвар тамоми шароитро фароҳам овардааст. Ҳамзамон, ин санади муҳим ба ҳуқуқу озодии Зан-Модар эҳтироми хосса гузошта, баҳри баланд бардоштани мақоми зан дар тамоми соҳаҳо шароити мусоидро роҳандозӣ намудааст. Масалан, дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон зиёда аз 40%-и занҳо вазифаҳои масъули факултету кафедраҳоро ба ӯҳда доранд. Роҳбарияти муассисаи таълимӣ дар хобгоҳи донишгоҳ бо духтарони тибқи квотаи Президентӣ таҳсилкунанда суҳбату воҳӯриҳо гузаронида, баҳри беҳтар намудани шароити зисти онҳо тадбирҳои зарурӣ андешида амалӣ мегардонад.

Сипас, дотсенти кафедра Раҷаббой Ҷӯразода дар мавзуи “Саҳми Конститутсия дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ” гузориши илмӣ намуда, таъкид кард, ки тавассути ин санади тақдирсоз ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишварамон ба вуҷуд омада, рӯз ба рӯз дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар ҷомеаи мадании тоҷикон тадбирҳои судманд андешида мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки имрӯз дар байни давлатҳои ҷаҳон кишвари мо-Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таъмини озодии шаҳрвандон ва беҳтаршавии зиндагии мардум эътироф шудааст. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хешро дар асоси Конститутсияи кишвар ба роҳ монда, дар баёни фикру андешаҳояшон озод мебошанд, зеро ин ҳуқуқ ба онҳо дар санади мазкур кафолат дода шудааст.

Дар мавзуи “Конститутсия ҳамчун санади меъёрию ҳуқуқӣ” омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ Равшанзода Муҳаммадисо суханронӣ намуда, иброз дошт, ки ҳар як моддаи ин санади муҳимми сиёсӣ ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро новобаста аз миллат, маҳал, дидгоҳи сиёсӣ кафолат медиҳад.

Азинрӯ, мошаҳрвандонро зарур аст, ки уҳдадорию вазифаҳоеро, ки Конститутсия бароиямон муқаррар намудааст, бо дарки баланди масъулиятшиносӣ муносибат намуда, баҳри истиқрори ҷомеаи озод ва ҳуқуқбунёду дунявӣ, ки аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ҳиссагузор бошем.

**Н. Одинаев, устоди ДТТ**

# ИҚТИДОРИ ИҚТИСОДӢ ВА ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚАҲОИ ВИЛОЯТИ СУҒД

## (аз нигоҳи эълон гардидани солҳои 2025-2030 - «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия»)

**Дар шароити муосири ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ ва рақобати афзояндаи бозори ҷаҳонӣ, рушди устувор ва босуботи иқтисоди миллӣ бевосита ба рушди минтақавӣ, истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ ва иқтидори мавҷудаи ҳар як воҳиди маъмурию ҷуғрофӣ вобаста аст. Аз ин нуқтаи назар, таҳлили иқтидори иқтисодӣ ва инноватсионии минтақаҳо дар сатҳи вилоятӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад.**

Вилояти Суғд ҳамчун яке аз марказҳои муҳимми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имкониятҳои фаровони захиравӣ, истеҳсолӣ ва зеҳнӣ шинохта мешавад. Мавқеи ҷуғрофии мусоид, дастрасӣ ба шабакаҳои нақлиётӣ, мавҷудияти манбаъҳои табиӣ ва кадрҳои соҳибихтисос ба вилояти Суғд имконият фароҳам овардаанд, ки дар солҳои охир ба маркази муҳимми саноатикунонӣ, савдо ва инноватсия табдил ёбад. Дар ҳудуди вилоят 8 шаҳр (Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Бӯстон, Гулистон, Панҷакент, Конибодом, Зафаробод) ва 10 ноҳияи маъмурӣ (Спитамен, Ҷаббор Расулов, Ашт, Мастчоҳ, Бобоҷон Ғафуров, Деваштич, Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ, Зафаробод ва Ҷ.Расулов) мавҷуданд, ки ҳар кадоми онҳо дорои хусусиятҳои иқтисодии хоси худ мебошанд.

Шаҳрҳои саноатии Хуҷанд, Бӯстон ва Гулистон таҷрибаи ғании таърихӣ дар соҳаи истеҳсолот ва саноат доранд. Дар онҳо пойгоҳҳои муҳимми корхонаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ, нассоҷӣ ва металлкоркунӣ мавҷуд буда, заминаи муътамаде барои рушди минбаъдаи иқтисоди рақамӣ ва коркарди рақамии маълумот фароҳам овардаанд. Аз ҷониби дигар, ноҳияҳои кишоварзӣ чун Бобоҷон Ғафуров, Ашт ва Спитамен дорои иқтидори бузурги агросаноатӣ буда, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар бахшҳои кишоварзӣ метавонад самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулоти ватаниро ба таври чашмгир афзоиш диҳад.

Дар ин замина, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардидани солҳои 2025–2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» на танҳо як иқдоми сиёсӣ, балки ҷиҳати стратегӣ барои тағйироти сохтории иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ арзёбӣ мегардад. Дар доираи ин барнома, зарурати таҳлили чуқур ва муҳимми имкониятҳои рушди рақамисозӣ дар сатҳи вилоят ва ҷалби захираҳои маҳаллӣ, сармоягузорӣ ва иқтидорҳои кадрӣ ба миён меояд. Таҳлили амиқи иқтидори иқтисодӣ ва инноватсионии минтақаҳои вилояти Суғд дар заминаи татбиқи Барномаи рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия барои солҳои 2025–2030 муҳим ва саривақтӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф, дар доираи таҳқиқот имкониятҳои мавҷудаи ҳар як шаҳру ноҳия аз нигоҳи саноатикунонӣ, инфрасохтори рақамӣ, захираҳои инсонӣ ва муҳити сармоягузорӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Ба назар гирифтани таҷрибаҳои пешрафтаи минтақаҳои алоҳида, баҳодиҳии оморӣ ва таҳлили вазъи ҷорӣ ба муайян намудани самтҳои афзалиятнок, таҳияи тавсияҳо ва пешниҳоди механизмҳои амалӣ мусоидат хоҳад кард. Ин раванд ба таври мураттаб ба баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа, диверсификатсияи иқтисоди вилоят ва ҷалби бештари сармоя мусоидат хоҳад намуд.

Бо дарназардошти ин, таҳияи монография барои доираи васеи олимон, таҳлилгарон, масъулони соҳаи иқтисод ва рушди минтақавӣ, инчунин барои коршиносони сиёсати рақамӣ ва инноватсионӣ муфид буда, метавонад ҳамчун такягоҳ дар таҳияи стратегияҳои рушди иқтисоди рақамӣ дар сатҳи минтақа истифода гардад.

1. Таҳияи харитаи рақамии иқтидори иқтисодии минтақаҳо — Инъикоси пурраи манбаъҳо, имкониятҳо ва соҳаҳои афзалиятнок барои рақамикунонӣ ва навоварӣ дар ҳар як шаҳру ноҳия.

2. Баланд бардоштани сатҳи рақамикунонии инфрасохтори истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ — Аз ҷумла дар бахшҳои саноат, кишоварзӣ, савдо, нақлиёт ва таъминоти коммуналӣ.

3. Инкишофи соҳаҳои рақамӣ бо истифода аз иқтидори кадрии маҳаллӣ — Рушди барномаҳои таълимӣ, омӯзишҳои касбӣ ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва технопаркҳо.

4. Таҳкими иқтидори сармоягузорӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва навоварӣ — Ҷалби сармояи хусусӣ, маблағҳои хориҷӣ ва истифодаи абзорҳои молиявии нав.

5. Рушди кластерҳои саноатӣ ва инноватсионӣ дар шаҳру ноҳияҳо — Бо истифода аз захираҳои маҳаллӣ ва эҳёи бахшҳои коркард ва истеҳсолот.

6. Рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва хидматрасониҳои давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ — Вобаста ба гузариш ба ҳукумати электронии самаранок ва шаффоф.

7. Таҳияи низоми маълумот ва таҳлили рақамии бозорҳо — Татбиқи платформаҳои рақамӣ барои додугирифти маълумот, мониторинг ва таҳлили оморӣ.

8. Такмили қонунгузорӣ ва муҳити ҳуқуқии фаъолиятҳои инноватсионӣ — Эҷоди шароити мусоид барои соҳибкорон, стартапҳо ва навоварон.

9. Ҳавасмандсозии соҳибкорони навовар ва рушди стартапҳо дар минтақа — Бо истифодаи грантҳо, субсидияҳо ва дигар абзорҳои ҳавасмандгардонӣ.

10. Таҳияи сиёсати иҷтимоӣ ва кадрии мутобиқ ба талаботи иқтисоди рақамӣ — Рушди малакаҳои рақамӣ дар аҳолӣ, тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир.

11. Татбиқи моделҳои "шаҳри интеллектуалӣ" ва "ноҳияи интеллектуалӣ" дар минтақаҳои интихобшуда — Аз ҷумла дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон ва Гулистон.

12. Мониторинг ва баҳодиҳии мунтазами раванди татбиқи барномаи рушди рақамӣ ва инноватсия — Бо истифода аз нишондиҳандаҳои воқеӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ.

Бо дарназардошти тамоми омилҳои зикршуда, метавон гуфт, ки рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсионӣ дар минтақаҳои вилояти Суғд на танҳо як зарурат, балки як имконияти воқеии гузариш ба марҳилаи нави рушди босифат мебошад. Таъмини заминаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва технологӣ барои ин раванд, ҳамчунин ҷалби неруи зеҳнии маҳаллӣ ва таҳкими ҳамкории байни бахши давлатӣ ва хусусӣ, метавонад ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии вилоят дар солҳои наздик замина гузорад.

Муаллиф (Н.Ш.) айни замон ба омӯзиши амиқи иқтидори иқтисодӣ ва инноватсионии минтақаҳои вилояти Суғд дар партави сиёсати давлатӣ оид ба "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (2025–2030)" машғул буда, дар заминаи таҳлилҳои илмӣ ва оморӣ, кӯшиш намуда истодааст, ки рӯзҳои наздик монографияи илмиро дар мавзуи “иқтидори иқтисодӣ ва инноватсионии минтақаҳои вилояти суғд” интишор намояд.

**Насибахон ШАРОПОВА,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара оид ба таълим ва идоракунии сифати таҳсилот**

---

**<u>Конференсияи илмӣ-амалии минтақавӣ</u>**

# КРИОСФЕРА ЗЕРИ ТАҲДИД: ҲАЛЛИ ИЛМӢ БАРОИ НИГОҲ ДОШТАНИ ПИРЯХҲО

**Таҳти ҳамин унвон чанде пеш дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара бахшида ба “Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” конференсияи илмӣ-амалии минтақавӣ баргузор гардид.**

Конференсияро бо сухани ифтитоҳӣ директори ФДТТИ, н.и.к. Ҳ. Абдуллоев оғоз намуда, бобати иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», “21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”, дар назди СММ таъсис додани “Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо” ва баргузории “Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо” дар шаҳри Душанбе сухан ронд ва ташаббусҳои мазкурро бобати масъалаҳои обу иқлим дар сатҳи ҷаҳонӣ саривақтӣ арзёбӣ намуд.

Ҳамзамон, дар конференсия сардори раёсати ҳифзи муҳити зисти шаҳри Исфара Н.Ҳомидов, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва менеҷмент, н.и.и. И.М.Ҳомидов, омӯзгори калони кафедраи технологияҳои саноатӣ ва фанҳои табиӣ С. Қодиров дар маърӯзаҳои пурмазмуни хеш доир ба ҳалли мушкилоти глобалии сайёра, тағйирёбии иқлим, обшавии пиряхҳо ва норасоии оби ошомиданӣ суханронӣ карданд.

**М. УМАРОВА,**
**мудири шуъбаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои илмии ФДТТИ**

---

# ОЛИМОНИ ХОРИҶӢ ДАР ФДТТИ

Чанде пеш ба ФДТТИ намояндагони донишгоҳҳои аъзои лоиҳаи “Донишгоҳи кушоди инноватсияҳо дар озуқаворӣ (OFINU)”: докторон Датсе Клава, Лиена Озола ва Эвита Страумите аз Донишгоҳи илмҳои ҳаёт ва технологияҳои Латвия; Раҳимҷон Мирзоев ва Муродҷон Атаҷанов аз Донишгоҳи хоҷагии қишлоқ ва агротехнологияи Андиҷон; Раҳматулло Ташманов аз Донишгоҳи агроинноватсия ва таҳқиқоти Самарқанд, инчунин олимону таҳқиқотчиён аз Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ташриф оварданд.

Дар доираи ин лоиҳа семинарҳо дар ду модул “Таҳияи маҳсулоти нави хӯрокворӣ” ва “Технологияҳои коркарди мева ва сабзавот” ба таври пилотӣ барои омӯзгорону донишҷӯёни Филиал ташкил гардиданд.



**Н.А. ҚОДИРОВ,**
**сардори шуъбаи равобити байналмилалӣ ва идораи лоиҳаҳо**

---

# КОНСТИТУТСИЯ ВА ИСТИҚЛОЛИ СИЁСӢ

**Дар филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара бахшида ба 31-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар баргузор гардид, ки дар он сардори шуъбаи хадамоти иҷроияи шаҳр Меҳрафзун Нурзода, сардори шуъбаи ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳр Амонулло Абдуманнонов, муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ Фарзона Рустамӣ, омӯзгорон ва донишҷӯён иштирок доштанд.**

Чорабиниро сардори шуъбаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ М. Умарова оғоз намуда, оид ба мавқеи Конститутсия дар таҳкими истиқлолияти сиёсии кишвар сухан кард. Иброз шуд, ки вақте сухан дар бораи истиқлоли комили сиёсӣ меравад, пеши аз ҳама, симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон падидор мегардад. Тавре ки дар китоби арзишманди Пешвои миллат “Уфуқҳои Истиқлол” омадааст: “... Истиқлолияти давлатӣ ба мо имкон дод, ки кишвар ва мардуми худро ба таври шоиста ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд ва ҷойгоҳи мустақил ва сазовори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ таъмин сохт. Маҳз дар ҳамин давра заминаҳои устувори сиёсӣ ва ҳуқуқии сохти нав, яъне давлати демократии дунявии ҳуқуқбунёд гузошта шуд”. Аз ин рӯ, волотарин меъёри ватандорию ватандӯстӣ, расидан ба қадри Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлол, ба ҷо овардани хизмати Ватан ва ҳифзи марзу буми он аст. Барои таҳкими оромиву суботи ҷомеа мо ҳама дар назди халқу Ватан вазифадор ҳастем, ки сулҳи пойдор ва тамомияти арзиву якпорчагии Тоҷикистони азизро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем, зеро хизмат ба Ватан шарафи бузург ва қарзи шаҳрвандии ҳар шахси бонангу номуси миллат аст.

Сипас, муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ Фарзона Рустамӣ оид ба қабули Конститутсияи Тоҷикистон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд, сардори шуъбаи хадамоти иҷроияи шаҳр М.Нурзода, муаллимони калони кафедраи забонҳо, фанҳои ҷамъиятӣ ва педагогикаи касбӣ С.Мамадҷонов, Ҳ. Додобоев, Ф. Мамадҷонова оид ба таърихи қабули Конститутсия ва имкониятҳои фароҳамовардаи санади тақдирсоз суханронӣ намуданд.

**Мукаммала УМАРОВА,**
**сардори шуъбаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ**

24 ноябр – Рӯзи парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон



# ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ – РАМЗИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ КИШВАР

Ҳар як давлати соҳибистиқлол соҳиби муқаддасоти миллии худ аст, аз ҷумла Тоҷикистони мо ҳам дорои Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ мебошад. Парчамдориву парчамбардории халқи мо таърихи қадима дошта, аз аҳди бостон то имрӯз давраи тӯлониро тай намудааст. Таърих гувоҳ аст, ки аҷдодони мо аз ибтидои тамаддуни инсонӣ соҳиби рамз ва нишони миллӣ буданд. Вобаста ба парчамбардории ниёгони абарқудрати мо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон, бахшида ба рӯзи Парчами давлатӣ иброз доштанд, ки: «Ҳанӯз дар ливои Куруши Кабир тасвири уқоб, ки нишонаи қудрату тавоноист, нақш гардида буд, ки он парчам рамзи як давлати нирӯманди замона ба ҳисоб мерафт. Ҳамчунин, меъвон аз ливои Коваи бузург ёдовар шуд, ки нишонаи равшани меросияти муборизаву ҷоннисориҳои ниёгони мо мебошад».

Пайдоиши Парчамро дар таърих ва фарҳанги миллати тоҷик ҳамчунин Абурайҳони Берунӣ ба муборизаи Коваи оҳангар ба муқобили зулму истибдод ва таъмини адолату зиндагии осоишта мансуб медонад.

Дар «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ, ки намунаи осори барҷастаи ватандӯстию тарғибгари некию мардонагист, аз муборизаи Коваи оҳангар оварда шудааст. Коваи оҳангар пешдомани чармини худро дирафш кард ва халқи ситамдидаро ба мубориза даъват намуд. Имрӯз тасвири «Дирафши ковиён» дар Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки он ифодагари рамзи пойдорӣ ва бардавомии давлатдории миллӣ мебошад.

29-уми октябри соли 2009 дар Конференсияи илмӣ — амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба таҷлили 15-умин солгарди қабули Конститутсия аз ҷониби Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми начиб пешниҳод гардид, ки 24-уми ноябр Рӯзи Парчами миллӣ эълон карда шавад ва ҳамасола ҳамчун Рӯзи Парчами миллӣ ҷашн гирифта шавад. Бо мақсади амалӣ намудану асоси ҳуқуқӣ бахшидан, 3-юми ноябри соли 2009 ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани илова ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид ва 19-уми ноябри ҳамон сол Парламенти Тоҷикистон онро тасдиқ кард.

Қадршиносӣ аз Парчами давлатӣ, арҷгузориву ифтихор аз давлат, аз гузашта, имрӯз ва фардои халқ буда, он яке аз омилҳои муҳимми худшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Бигзор партавфишонии Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маъракаҳои расмии давлатӣ, ҷорабиниҳои сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангиву варзишӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ҳисси ифтихор ва ватандории тоҷикони ҷаҳон бошаду арҷгузорӣ ба ин муқаддасоти ватан қарзи шаҳрвандии аҳли ҷомеаи мо гардад.

**Б.Шамсова, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии ДТТ**

# БИОЛОГИЯ ДАРСИ ИЛМУ ЗИНДАГИСТ,- мегӯяд Меҳрангез Амрихудоева

**Омӯзгори ҷавон на танҳо дониш медиҳад, балки бо меҳнат, эҷодкорӣ ва садоқат ба касб дили насли наврo ба илму маърифат мекушояд ва ояндаи онҳоро равшан месозад.**

Дар ҷомеаи муосир нақши омӯзгор на танҳо дар интиқоли дониш, балки дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи насли нав муҳим аст. Аз миёни садҳо омӯзгорони кишвар шахсоне ҳастанд, ки бо заҳмати пайваста, муҳаббати самимӣ ба касб ва устуворӣ дар роҳи илм тавонистаанд ба дастовардҳои назаррас ноил гарданд. Яке аз чунин чеҳраҳои ҷавон омӯзгори фанни биологияи МДТ «Литсейи инноватсионии Душанбе»-и назди ДТТ Меҳрангез Амрихудоева мебошад.

Меҳрангез ҳанӯз аз айёми донишҷӯӣ ба табиат, зиндагӣ ва қонуниятҳои он шавқи беандоза дошт. Ӯ соатҳо метавонист дар бораи сохтори ҳуҷайра ё равандҳои биологӣ суҳбат кунад ва бо чашмони пурнур аз мӯъҷизаҳои табиат қисса кунад.

Омӯзгори ҷавон аз васоити дастрас истифода карда, таҷрибаҳои одии илмӣ омода мекард, намунаҳои наботот ва ҳайвонотро ҷамъоварӣ менамуд ва дар синф бо шавқ намоиш медод ва ба хонандагон мегуфт: «Биология — ин танҳо дарси илм нест, балки дарси зиндагист. Ҳар ҳуҷайра, ҳар барги сабз ва ҳар қатраи об дар худ фалсафаи ҳастиро пинҳон дорад».

Ин суханҳо барои шогирдонаш илҳомбахш буданд. Дар дарсҳои ӯ хонандагон на танҳо формулаи биологӣ ва таъриф меомӯхтанд, балки мефаҳмиданд, ки инсон бояд табиатро эҳтиром кунад, бо муҳити зист дӯст бошад ва масъулияти худро дар назди олам дарк намояд. Бо ҳамин муносибат, дар муддати фаъолият муҳити омӯзишӣ дар литсей дигаргун шуд. Ҳоло хонандагон бо шавқ таҷриба мегузаронанд, лоиҳаҳои муҳити зист таҳия мекунанд ва дар олимпиадаю озмунҳои фаннӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Бо дастгирии маъмурияти литсей ва волидайн, омӯзгори ҷавон роҳбари маҳфили «Биологони ҷавон» таъин шуд, ки дар он хонандагон бо олами табиат донишро васеъ карда, ба олимпиада омода мешаванд. Ҳар ҳафта хонандагон таҷрибаҳои нав мегузаронанд: аз парвариши растаниҳои маҳаллӣ то таҳлили сифати оби рӯдхонаҳо.

Шогирдони М. Амрихудоева дар озмунҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ ҷойҳои намоёнро ишғол кардаанд.

Омӯзгори ҷавон тавонист муҳити дӯстона, эҳтиромомез ва пур аз муҳаббат ба донишро дар қалби шогирдонаш ба вуҷуд орад. Барои ӯ ҳар як хонанда шахсиятест бо истеъдод ва ҷаҳонбинии хос. Ӯ ба онҳо боварӣ дорад ва ҳамин боварӣ онҳоро пеш мебарад.

Соли 2025 Меҳрангез Амрихудоева сазовори нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Бузургтарин ҷоиза барои ман,- мегӯяд ӯ, - дидани чашмони дурахшони хонандаест, ки ҳақиқати навро кашф мекунад. Вокеан ҳам, ӯ намунаи омӯзгори наввар ва содиқ ба Ватан аст.

Дар арафаи ҷашни 35-солагии Донишгоҳи технологии



Тоҷикистон, фаъолияти М. Амрихудоева ҳамчун намунаи омӯзгори ҷавон ва наввар баҳо дода шуд. Инчунин, ӯ ба унвони омӯзгори фаъол ва илҳомбахши насли нав шинохта шуд, ки тавассути ҷалби хонандагон ба озмунҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ва лоиҳаҳои илмӣ саҳми арзанда гузошт. Ин дастовардҳо собит мекунанд, ки мутобиқ кардани таълим ба талаботи замон ва истифодаи усулҳои эҷодкорона дар омӯзиш ба натиҷаҳои назаррас мерасонад.

**Г. АҶИҶИМИЛ, Р. ХАЙЛОЕВА, омӯзгорони Литсейи инноватсионии Душанбеи назди ДТТ**

Фановар
МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
САРМУҲАРРИР Раҷабалӣ Шарифов
Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.
Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М. М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорзода Ф.М., Шарифзода И.У.
Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3
Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ӯҳда намегирад.
Ҳафтаномаи "Фановар" 27-уми декабри соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 409/рз-97.
Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха